Тасдиқ мекунам,
Муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

_________________ Нуриддинзода А. Н.
аз « 23 » апрели соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №02
## ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2025 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

23 апрели соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (рӯйхат замима мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, фарҳанг, энергетика ва захираҳои об, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои рушди маҳал, кор бо ҷавонон ва варзиш, андоз, бехатарии озуқаворӣ, меъморӣ ва сохтмон ва Академияи миллии илмҳо.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Муҳокимаи натиҷаи чораёни иҷрои «Нақшаи амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, №197 тасдиқ шудааст ва масъули иҷрои он Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Муҳокимаи натиҷаи чораёни иҷрои «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №566 тасдиқ шудааст ва масъули иҷрои он Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

3. Муҳокимаи натиҷаи чораёни иҷрои «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2023, №503 тасдиқ шудааст ва масъули иҷрои он Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4. Муҳокимаи натиҷаи чораёни иҷрои «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020 тасдиқ шудааст ва масъули иҷрои он Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №212 тасдиқ шудааст ва масъули иҷрои он Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муовини вазири рушди иқтисод ва савдо Нуриддинзода А. Н. ҷаласаро ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Нақшаи амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» Муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Муҳсинзода Ғафур Муҳсин рӯнамо пешниҳод намуд.

Ҳадафи асосии стратегия ва нақшаи чорабиниҳои барои солҳои 2024-2026 беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои асосии тандурустӣ тавассути муассисаҳои КАТС мебошад. Қайд гардид, ки Нақшаи мазкур аз 52 банд иборат буда, дар соли 2024 иҷрои 28 банд ба нақша гирифта шуда, иҷрои он дар давраи ҳисоботӣ 85 фоизро ташкил дод.

Оид ба масъалаи мазкур Нуриддинзода А. Н. – муовини вазири рушди иқтисод ва савдо, Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. - муовини вазири маориф ва илм, Мадҷон М. М. - сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳо ва Файзуллозода Ф. В. – сардори Раёсати рушди иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Аз ҷониби Нуриддинзода А. Н. супориш дода шуд, ки барои бартараф намудани камбудиву норасогиҳои ҷойдошта дар Нақшаи амал оид ба иҷрои бандҳои 33, 36, 43, 44 ва 45 дар соли 2024 маълумоти муфассал пешниҳод карда шавад. Инчунин иҷрои Нақшаи амали мазкур дар солҳои 2023-2024 фоизи иҷро аз рӯи маблағгузорӣ (аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ, сармоягузорӣ ва шарикони рушд) ва аз рӯи чорабиниҳо таҳлил гардида, маълумоти дақиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба иҷрои «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040» Пиризода Ҷалил Сафар Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузориш манзур намуд.

Ҳадафи асосии Косепсияи мазкур мусоидат намудан ба робитаҳои кооператсионӣ байни хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои коркард, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар ташкилотҳои соҳаҳои фаъолияташ гуногун дар чаҳорчубаи барномаҳои ягонаи истеҳсолӣ, ки шакли ниҳоии ташкили истеҳсолоти маҳсулоти аграрӣ (истеҳсоли ашёи хом, тайёр кардан, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр, нигоҳдорӣ ва фуруш) буда, аз 10 боб ва 52 банд иборат мебошад.

Мақсади Консепсияи мазкур ташаккули фаҳмиши ягонаи методологияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкил ва рушди ояндаи кластерҳои агросаноатӣ буда, доир ба иҷрои он аз ҷониби баромадкунанда, маълумоти пурра пешниҳод нагардид.

Бинобар ин аз ҷониби Нуриддинзода А. Н. – муовини вазири рушди иқтисод ва савдо супориш дода шуд, ки барои пешниҳод намудани таҳлили пурра ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар Консепсияи мазкур дар якҷоягӣ бо масъулини Вазорати рушди иқтисод ва савдо (Сарраёсати рушди соҳаҳои вокеии иқтисодиёт) доир ба иҷрои банди 2 қарори мазкур, бандҳои методологияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкил ва рушди ояндаи кластерҳои агросаноатӣ, маблағгузорӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар солҳои 2021-2024 ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар давраи ҳисоботӣ баррасӣ гардида, ҳисоботи пурра ва дақиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад.

Доир ба масъалаи сеюм оид ба чараёни иҷрои «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» Қодирзода Сайфулло сардори Раёсати рӯизаминии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур намуд.

Ин барнома бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, рушди низоми логистика барои таъмини устувории иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, гузаштани иқтисодиёт ба сатҳи сифатан нав, рушди робитаҳои байналмилалии нақлиётиву тиҷоратии кишвар, таъмини сатҳу сифати зарурии иншооти ҳозиразамони логистикӣ, ки аҳаммияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ доранд, таҳия гардидааст.

Барномаи мазкур аз 9 боб ва 26 банд иборат буда, бо маблағи 1,3 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст (маблағҳои буҷети давлатӣ 0,22 миллион сомонӣ, шарикони рушд 259,6 миллион сомонӣ ва бахши хусусӣ 1,1 миллиард сомонӣ).

Нақшаи амали барномаи қайдгардида дар марҳилаи якум (солҳои 2023-2025) аз 6 банд иборат буда, бо маблағи 796,5 миллион сомонӣ (аз ин, буҷети давлатӣ 0,22 миллион сомонӣ, шарикони рушд 259,6 миллион сомонӣ ва бахши хусусӣ 537,2 миллион сомонӣ) ба нақша гирифта шудааст. Дар маҷмӯъ иҷрои барнома 70 фоизро ташкил дод.

Оид ба масъалаи мазкур Нуриддинзода А. Н. – муовини вазири рушди иқтисод ва савдо, Мадҷон М.М. - сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар иштироккунандагон изҳори назар намуданд.

Аз ҷониби Нуриддинзода А. Н. супориш дода шуд, ки ҳисобот бори дигар бо масъулин вобаста ба ҷадвали Нақшаи амал дар солҳои 2023-2024, сутуни маблағгузории корҳои анҷомдодашуда ва сарчашмаи маблағгузории онҳо банд ба банд таҳлил гардида, аз рӯи маблағгузорӣ (буҷети ҷумҳурӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ) мониторинг ва арзёбӣ гардида, инчунин сабабҳои дар сатҳи ташвишовар иҷро гардидани банди 4 (Бунёди марказҳои логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - 35 фоиз), 5 (Азнавсозии терминалҳои наздисарҳадӣ – 20 фоиз) ва 6 (Сохтмони иншооти барномавӣ - 20 фоиз)-ро асоснок намуда, гузориши муфассал ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад.

Доир ба масъалаи чоруми ҷаласа вобаста ба иҷрои «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз ҷониби

Қурбонов Ниёз Маҳадбоқиевич сардори Раёсати бозори маҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур шуд.

Барномаи мазкур бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, соҳибкасб намудани онҳо бо назардошти талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ, ба роҳ мондани усули муосири таълим, беҳтар намудани заминаҳои моддию техникӣ ва таълимию методӣ, боло бурдани маҳорати касбии ҳайати омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таълимӣ ва ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон, калонсолон, занону духтарон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони бешуғл, маъюбон ва табақаҳои дигари осебпазир, ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ҷиҳати ҷалби шаҳрвандон ба гирифтани касбу ҳунар мебошад.

Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи мазкур аз 41 банд иборат буда, ки аз ин дар 14 банд маблағгузорӣ талаб намекунад ва дар 27 банди боқимонада бо маблағи 12,4 миллион сомонӣ (аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 10,3 миллион сомонӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳо) ба нақша гирифта шудааст. Дар давраи ҳисоботи иҷроии Барнома 87 фоизро ташкил дод.

Оид ба масъалаи мазкур Нуриддинзода А. Н. – муовини вазири рушди иқтисод ва савдо, Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. - муовини вазири маориф ва илм, Қурбониён С. – муовини вазири молия, Файзуллозода Ф. В. – сардори Раёсати рушди иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Аз ҷониби Нуриддинзода А. Н. супориш дода шуд, ки ҳисобот бори дигар бо назардошти иҷрои ҷадвали Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 банд ба банд аз рӯи маблағгузорӣ (буҷети ҷумҳурӣ, маблағҳои бахши хусусӣ, созмонҳои байналмилалӣ, грантҳо ва қарзҳо) мониторинг ва арзёбӣ гардида, гузориши муфассал ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад.

Вобаста ба ҷараёни иҷрои «Барномаи бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №212 тасдиқ шудааст, Муовини аввали сардори Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ Маҳмудзода Маҳбуб рӯнамо пешниҳод намуд.

Барномаи мазкур бо мақсади таҳкими бехатарӣ аз сӯхтор, ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва наҷот додани молу мулки шаҳрвандон, моликияти корхонаю муассиса ва ташкилотҳои дигар, иншооти таъиноти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, фарҳангӣ ва иншооти дигар аз сӯхтор таҳия гардидааст.

Барнома аз 12 боб ва 39 банд иборат буда, бо маблағи 104,5 миллион сомонӣ ва маблағи сохтмони асосӣ 31,7 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки дар маҷмӯъ 136,2 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Иҷроиши барнома дар солҳои 2021-2024 62 фоизро ташкил дод.

Вобаста ба масъалаи мазкур Нуриддинзода А. Н. – муовини вазири рушди иқтисод ва савдо, Бобоҷонзода М. -муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Аз ҷониби Нуриддинзода А. Н. супориш дода шуд, ки ҳисобот бори дигар бо назардошти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии барномаи мазкур (замимаи 1) ва ҷадвали рӯйхати сохтмони биноҳо (депоҳо)-и оташнишонӣ (заминаи 2) барои солҳои 2021-2024 фоизи иҷро аз рӯи маблағгузорӣ (буҷети ҷумҳурӣ, буҷети маҳаллӣ, грантҳо ва қарзҳо) ва фоизи иҷро аз рӯи чорабиниҳо мониторинг ва арзёбӣ гардида, гузориши муфассал ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад.

Ҳамзамон, аз ҷониби Нуриддинзода А. Н. ва дигар аъзоёни Гурӯҳи корӣ пешниҳод гардид, ки маводҳои таҳлилӣ ва рӯнамоҳо пеш аз баррасӣ дар Гурӯҳи корӣ бо мутахассисони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ мувофиқа карда шуда, бо назардошти эрод, пешниҳодҳо ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба ҷаласаи Гурӯҳи корӣ пешниҳод карда шавад.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти қайдҳои боло чунин қарорҳо кабул карда шуд:

1. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Нақшаи амал барои солҳои 2024-2026 Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро, бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 майи соли 2025 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 5 майи соли 2025 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

3. Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (Файзуллозода Ф. В.) ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии дар банди 1 ва 2 қайдшударо мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои онҳо гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 майи соли 2025 пешниҳод намояд.

4. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи ҷараёни иҷрои «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040»-ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 5 майи соли 2025 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

5. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 майи соли 2025 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

6. Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) гузориши ҷамбастии такмилдодашударо оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии дар банди 4 ва 5 қайдшударо мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои онҳо гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 майи соли 2025 пешниҳод намояд.

7. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи чараёни иҷрои «Барномаи бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025»-ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 5 майи соли 2025 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

8. Раёсати корҳо (Давлаталӣ Ш.) чараёни татбиқи «Барномаи бехатарӣ аз сӯхтор барои солҳои 2021-2025»-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз натиҷаи иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати кишвар то 15 майи соли 2025 пешниҳод намояд.

Котиби масъул Шарифов С. С.